# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PHD) АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 17.07.2026, №87**

Барои сазовор донистани Наботзода Парниён Ҷумъахон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)

Диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дар мавзуи «Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) санаи 15 майи соли 2026, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №93 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Наботзода Парниён Ҷумъахон, - 16 – уми феврали соли 1991 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ӯ соли 2012 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз хатм кардааст. Соли 2012 ба зинаи магистратура аз рӯи ихтисоси фаъолияти бонкӣ дохил шуда, онро соли 2014 бо муваффақият хатм намудааст. Аз соли 2012 то соли 2015 ба сифати коргузор дар кафедраи молия ва қарз, аз соли 2015- 2018 ассистенти кафедраи мазкур ва аз соли 2018 то инҷониб муаллими калони кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон кору фаъолият дорад.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсия Наботзода Парниён Ҷумъахон дар кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст. Мавзуи диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дар ҷаласаи Шурои олимони донишгоҳ аз 27 – уми апрели соли 2017, қарори №11 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дар ҷаласаи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба таври ошкоро аз 24 сентябри соли 2025, суратмаҷлиси № 3 муҳокима гардидааст.

Диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дар асоси хулосаи мусбати комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ санаи 15 майи соли 2026 сол, таҳти суратмаҷлиси №110 барои ҳимоя иҷозат дода шуд.

Роҳбари илмии унвонҷӯ Дусматов Баҳодур Муродович – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент таъин шудааст.

**Муқарризони расмӣ:**

-**Муқаддасзода Фирдавс Муқаддас** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **Амонова Дилором Абдуваҳидовна** - доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси «Молия», дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар –** Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., ходими пешбари илмии шуъбаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналхалқии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Холбобоев Ф.С. таҳия гардида, дар ҷаласаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баррасӣ ва тасдиқ шудааст (суратҷаласаи №6, аз 06.06.2026) ва аз ҷониби Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ д.и.и., дотсент Бобозода К.О. 06.06.2026 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса чунин бароварда шудааст, ки диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дар мавзуи «Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ», таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳамияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо "Низомномаи шурои диссертатсионӣ" ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Наботзода Парниён Ҷумъахон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 22 интишороти илмӣ, аз ҷумла 12 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ФЕҲРИСТИ КОРҲОИ ЧОПШУДАИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ МАҚОЛАҲО ДАР МАҶАЛЛАҲОИ ТАҚРИЗШАВАНДА:

## Рӯйхати интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М] Наботова П.Дж. Особенности инвестиционного обеспечение и развитие государственно-частного партнерства в сфере услуг Республики Таджикистан [Текст] / П.Дж. Наботова, Ф.Х. Курбонова // Вестник Таджиксткого национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2017, № 2/6. - С. 118 -121. ISSN – 2413 – 5151

[2-М] Наботова П.Ҷ. Мукаммалгардонии таъминоти инвеститсионии рушди шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар фаъолияти соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Ҷ.Наботова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,

Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ Душанбе, 2017, № 2/9. - С. 144 -147. ISSN – 2413 – 5151

[3-М] Наботова П.Ҷ. Тадқиқоти механизмҳои беҳдошти истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикстон [Матн]/ П.Ҷ.Наботова // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ № 4 (248) 2017.- С. 121 – 125. ISSN 2076-2569

[4-М] Наботова П.Ҷ. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун механизми навсозии иқтисодиёти бозоргонӣ: асосҳои назариявӣ-методологӣ [Матн] /П.Ҷ.Наботова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ № 2. - С. 97 -101 2018. ISSN – 2413 – 5151

[5-М] Наботова П.Ҷ. Сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон ва роҳҳои паст намудани он [Матн] /П.Ҷ.Наботова, К.Н. Раҳматова, Ш.М.Раҷабова // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ № 1,(249). - 2018 С. 107 – 110. ISSN 2076-2569

[6-М] Наботова П.Дж. Реализация проектов государственно-частного партнерства в социальной сфере [Текст] / П.Дж. Наботова // Вестник Таджикского государственного университета коммерции, ISSN 2308054-X №3 (28) /2019 – стр.128-131.

[7-М] Наботова П.Ҷ. Хусусиятҳои шарикии ҷамъиятӣ-хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ [Матн] / П.Ҷ.Наботова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 4/2(34) 2020 С.108 – 112. ISSN 2308-054X

[8-М] Наботова П.Ҷ. Баъзе ҷанбаҳои таҷрибаи хориҷии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар хизматрасониҳои иҷтимоӣ [Матн] / П.Ҷ. Наботова, Б.М. Дустматов, М.К. Файзулло // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 4/1(38) 2021. - С. 224 – 230. ISSN 2308-054X

[9-М] Наботова П.Ҷ. Таҷрибаи хориҷии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар хизматрасонии иҷтимоӣ [Матн] / П.Ҷ.Наботова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 4/1(38) 2022. С. 224 – 230. ISSN 2308-054X

[10-М] Наботова П.Ҷ. Шарикии давлат ва бахши хусуӣ дар соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар мамлакатҳои тараққиёти устувори иқтисодидошта [Матн] / П.Ҷ. Наботова, Б.М. Дустматов, С.С. Мухторзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 1(45) 2023 С.181 – 185 ISSN 2308-054X

[11-М] Наботова П.Ҷ. Баъзе ҷанбаҳои таъмини молиявии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити ҳозира [Матн] / П.Ҷ.Наботова // Паёми Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз, №2 (82) 2023 С.269-281. ISSN 2075-9584

[12-М] Наботова П.Ҷ. Тақвияти ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти кишвар [Матн] / П.Ҷ.Наботова, К.Н. Раҳматова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2 (52) 2024. С. 285-290. ISSN 2308-054X

**ДАР ДИГАР НАШРИЯҲО:**

[13-М] Наботова П.Дж. Формирование страхового рынка в Республики Таджикистан (научная статья) [Текст] / П.Дж. Наботова, Л.С. Рахмонов// Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Совершенствование финансово – кредитных механизмов РТ в современных

условиях экономики», посвящённой 70-летию профессора кафедры Рахимов З.А. ТГУ. –Душанбе: 2014, С.316-319.

[14-М] Наботова П.Дж. Анализ налогообложения индивидуальной трудовой деятельности и перспективы его развития в Республики Таджикистан (научная статья) [Текст] / П.Дж. Наботова // Материалы республиканской научно-практической конференции ТГУ.- Душанбе: «Матбааи ДМТ» 2015 г. С.97-99.

[15-М] Наботова П.Дж. Лизинг как инновационный финансовый продукт [Текст] / П.Дж. Наботова, Л.С. Раҳмонов// Сборник материалов международный научной - практической дистанционный конференции под общей редакции Факерова Х.Н., Раджабова Р.К. Польша, 2017. ООО "Сумани Кудрат" г.Душанбе ул.Матросова 2 дом 2.

[16-М] Наботова П.Дж. Инвестиции и их роль в развитии национальной экономики Республики Таджикистан [Текст] / П.Дж. Наботова // Журнал «Финансы» Министерство финансов Республики Таджикистан (июнь 2018 г.). С. 39-41.

[17-М] Наботова П.Ҷ. Рушди фазои сармоягузорӣ дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Ҷ.Наботова // (Конфренсияи илмӣ амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Муаммоҳои таъмини рақобатпазирии институтҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт" бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти молия) 7- декабри соли 2018.

[18-М] Наботова П.Дж. Институциональные основы развития ГЧП в республике Таджикистан [Текст] / П.Дж. Наботова, А.А. Қурбонов// Международная научно–практическая дистанционная конференция. Развитие инновационной экономки в Таджикистане и Польше (21- 22 декабри 2018 с.) С. 328-330.

[19-М] Наботова П.Ҷ. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун механизми навсозии иқтисодиёти маҳал: асосҳои назариявӣ-методологӣ [Матн] / П.Ҷ.Наботова // Конфронси илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Мукаммалгардонии фаъолияти молиявӣ қарзӣ ва низоми андозбандӣ: назария, методология ва ҷанбаҳои амалӣ". Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат. Душанбе 2019. – С.410- 415.

[20-М] Наботова П.Ҷ. Ташаккули стратегияи рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ [Матн] / П.Ҷ.Наботова, Б.М. Дустматов // Маводҳои конференсияи VII байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: муаммоҳои мубрами рушди иқтисоди инноватсионӣ». 2019 с. - С. 337-341.

[21-М] Наботова П.Дж. Особенности взаимодействия участников государственно-частного партнерства в социальной сфере [Текст] / П.Дж. Наботова, Ш.Ҷ. Ҷураев// Международная научно – практическая дистанционная конференция на тему «Развития инновационной экономики в Таджикистане и Польше», г. Душанбе, 6-7 декабря 2019 г. С.248-250.

[22-М] Наботова П.Ҷ. Механизми ҳамкории давлат ва бахшҳои хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ [Матн] / П.Ҷ.Наботова // Маводи конференсияи VIII - уми илмию амалии байналмилалӣ «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масоили мубрами

рушди иқтисодиёти инноватсионӣ» 26 сентябри соли 2020, ш.Душанбе С. 324-331.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**Додоматов Далерҷон Нишонбоевич, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, ДДҲБСТ:**

1. Низоми нишондиҳандаҳо барои баҳодиҳии рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар хизматрасонии иҷтимоӣ ва натиҷаи назарсанҷӣ дар ҷадвали 6 оварда шудааст. Агар натиҷаҳоро муаллиф ба тафсил шарҳ медод, ин ӣба манфияти кор мебуд.

2.Муаллиф қайд менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз механизми ШДВБХ дар хизматрасонии иҷтимоӣ ба таври кофӣ истифода намебаранд. Мебоист ки фикри худро асоснок мекард ва мушкилоту масоили соҳаи мазкур мавриди таҳлил қарор медод.

**2. Амонова Дилбар Субҳоновна, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон**

1. Дар автореферат баъзе расму механизмҳои овардашуда пурра тавзеҳ дода нашудааст ва ҳамзамон хатогиҳои имлогӣ низ ба чашм мерасанд.

2. Дар автореферат муаллиф нисбати рақамикунонии раванди хизматрасонии иҷтимоӣ камтар аҳамият зоҳир намудааст.

**3. Шарипов Саид Шамсуддинович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба корҳои тарбия ва иҷтимоии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»**

1. Дар расми 5. Муаллиф самтҳои маъмултарини татбиқи ШДБХ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон додааст, аммо истифодаи таҷрибаи кадом кишвар ба мо мувофиқ аст, дар автореферат мушаххас зирк нашудааст.

2. Ҳамзамон дар расми 7 механизми рушди инноватсионии хизматрасонии иҷтимоӣ оварда шудааст, ба мақсад мувофиқ мебуд, агар онҳо мушаххас шарҳ дода мешудаанд.

**4. Ҳасанов Абдураҳим Раҳмонович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

1. Дар автореферат муаллиф қайд менамояд, ки бахши хусусӣ барои иштирок дар лоиҳаҳои иҷтимоӣ он қадар хоҳишмандӣ надорад.

2.Ҳангоми таҳқиқ ва таҳлилу мушоҳидаҳо маълум гардид, ки ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ ҳамчун як механизми махсус ва як ниҳоди иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити имрӯза фаъолият намуда истодааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд. Тақризҳои дигар нест. Ташаккур, ба диққататон!

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти

баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Молия», «Молия корхона», «Сармоягузорӣ», «Буҷети давлатӣ», «Маблағгузории хурд», «Молияи ташкилотҳои буҷетӣ» ва дигар маводи илмӣ-амалӣ дар кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд (санади татбиқ 20.12.2023 №890). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар дар фаъолияти Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (санади татбиқ 13.09.2023 №1216) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

- ***амсиласозии иқтисодӣ*** – дар заминаи омӯзиши назариявии шарикии давлату бахши хусусӣ, бо дарназардошти хусусиятҳои хоси соҳаи иҷтимоӣ як қатор шартҳои заруриро барои интихоби объектҳои шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ ошкор намудааст. Вазъи кунунии хизматрасонии иҷтимоӣ мавриди санҷишу омӯзиш қарор дода шуда, мушкилоту монеаҳои асосии пешниҳоди ин хизматрасониҳо, инчунин омилҳое, ки ба рушди хизматрасонии иҷтимоӣ таъсиргузоранд, аниқ ва асоснок карда шудааст. Пешниҳод гардидааст ки дар айни замон соҳаҳои иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қадари рушд накардааст ва яке аз роҳҳои рушди он ин шарикии бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, арзёбии лоиҳаҳои ШДВБХ дар хизматрасонии иҷтимоӣ гузаронида шуда, таҳлили ШДВБХ дар ин самт тибқи усули SWOT-таҳлил ба роҳ монда шудааст.

- ***стратегияи*** рушди муҳити институтсионалии шарикии давлату бахши хусусӣ дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ таҳлил карда шуда, таҳкими иқтидори институтсионалии кишвар дар доираи СМР-2030 ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ диққати махсус дода шудааст.

- ***пешниҳод шудааст*** оид ба механизми инноватсионии маблағгузории ШДВБХ дар бахши иҷтимоӣ таҳия ва муаррифӣ гардида, самтҳои такмили ин механизм муайян гардида, натиҷаҳои таҳқиқот оид ба ҳисоб кардани таъсири иҷтимоию иқтисодии истифодаи чунин механизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ карда шудаанд.

- **Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба истифодаи механизми шарикии давлат ба бахши хусусӣ яке аз шартҳои асосии эътимоди давлату давлатдорӣ эътироф гардида, омӯзиши муносибатҳои танзиму такмили механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ, инчунин, Стратегияҳо, Қонунҳои соҳавии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба самти мазкур, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба масъалаҳои ҷанбаҳои молиявии муносибатҳои шарикият иборат мебошанд, дар бар гирифтааст.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи баланд бардоштани нақши давлат дар такмили механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ таҳия ва чунин пешниҳодҳо ироа шудаанд:

1.ҷалби бештари ҷавонон ба фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар; 2.кам гардидани хароҷоти буҷети давлатӣ дар соҳаи иҷтимоӣ; 3.рушди муносибатҳо ва ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ бо бахши хусусӣ ва табодули таҷриба бо ҳамкорони ватанӣ ва хориҷӣ; 4. омода намудани муттахассисони баландихтисоси ҷавобгӯ ба бозори хизматрасонии иҷтимоӣ ва муосири инноватсионӣ; 5.баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бахши хизматрасонии иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ.

***усулҳои*** таҳлили маҷмуӣ ва диалектикӣ, ки усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ, таҳлили муқоисавӣ, усули баҳодиҳии экспертӣ, пешгӯйӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия истифода шудаанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва микдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сароҳатан сатҳи онро 91,89% ва 92,34% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:1).** ҷабҳаҳои молиявии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, таҳлили механизми молиявии татбиқи чунин шарикӣ дар соҳаи иҷтимоӣ омӯхта шудааст; 2.) вазъи муосири хизматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ошкор намудани хусусиятҳои хоси соҳаи иҷтимоӣ, таҳлил ва арзёбии маблағгузории лоиҳаҳои рушди иҷтимоӣ гузаронида шудааст; 3.) муҳити институтсионалии соҳаи иҷтимоӣ, такмили фаъолияти инноватсионии мақомотҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ таҳқиқ карда шудааст; 4) самтҳои асосии такмили маблағгузории шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ таҳия карда шудааст.5) дар омода намудани 22 мақола, аз он ҷумла 12-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Наботзода Парниён Ҷумъахон дар мавзуи «Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ буда, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 10.1, 10.10, 10.15, 10.19 ва 10.22-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 17.07.2026 қарори сазовор донистани Наботзода Парниён Ҷумъахон бо дараҷаи илмии

доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 4 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 13 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос: «Тарафдор» – 13 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**17 июли соли 2026**